**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Аҳмади Дониш аз шумори он мутафаккирони соҳибназаре ба ҳисоб меравад, ки дар китобҳои пурмуҳтавои худ, хусусан зерфаслҳои алоҳидаи асари «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи вазъи оилавӣ, давраҳои фаъолияти эҷодӣ, кор дар дастгоҳи идораи сиёсии амирони манғития, мазмун ва мавзуъбандии асарҳои навиштаи хеш иттилои кофӣ медиҳад. Бинобар ин, аз мутолиаи рисолаву асарҳои бунёдии Аҳмади Дониш хонанда ва ё муҳаққиқ метавонад ба таври зарурӣ маълумоти воқеиро дар бораи зиндагинома, фаъолияти эҷодии мутафаккир, авзоъи умумии ҷамъияти Аморати Бухоро ба даст оварад.

Аз ҷониби муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни осори ба илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ (инсоншиносӣ) бахшидаи файласуфи тоҷик ба таври возеҳ ва мукаммал таҳқиқу таҳлил карда шудаанд. Мутаассифона, муайян кардан ва таҳлилу баррасӣ намудани ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш аз масъалаҳои камомӯхта ва ё ба таври зарурӣ таҳқиқнашуда ба шумор меравад.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотӣ актуалӣ ва муҳим ҳисобида шуда, дар он таҷҷассум меёбад, ки сарфи назар аз таваҷҷуҳи махсусе, ки Аҳмади Дониш ба омӯхтан ва кашфи асрори ниҳони замину осмон, қонунҳои табиату ҷамъият, муайян кардани умумият ва тафовути байни ин ду олами мавҷуда медиҳад, вай дар навбати аввал омӯзгор, тарбиятгари инсон барои дарёфти камолу шаъну эътибор мебошад. Аз ин мавқеъ, моҳияти ҷаҳонбинии ӯро дар фаҳмиши мафҳуми инсон - шинохтан ва дарк кардани моҳияти ӯ, таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули инсон, муайян намудани накш ва

мавқеи ӯ дар ҷомеа, инчунин нишон додани иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ аз ҷониби фард ва ғайра ташкил медиҳанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар муқаддима аз ҷониби муаллиф мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар ва бо тартибу низоми ба талабот ҷавогу зикр гардидааст.

Боби якум, ки "Аҳмади Дониш - бунёдгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна" ном дорад, масъалаҳои пайдоиш ва хусусиятҳои равияи маорифпарварӣ, шарҳи ҳол ва манбаъҳои идеявии ташаккулёбӣ ва таҳаввули ақидаҳои маорифпарвар ва таносуби донишу илм ва таснифоти онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дуюм бошад, "Фаҳмиши фалсафаи амалӣ ва тамоилгириҳои он дар таълимоти Аҳмади Дониш" унвон дошта, асосан ба масоили мақоми илми ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ, фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгариҳои он ва фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа аз назари маорифпарвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Боис ба қайд аст, ки дар автореферати диссертатсияи Ҷабборова В.Ҳ. андешаҳои пешқадамонаи Аҳмади Дониш дар бобати одоби рафтор, муносибатҳои оиладорӣ ва идоракунии ҷомеа бо вуҷуди сипарӣ гаштани беш аз як аср арзиши назариявӣ ва амалии худро аз даст надодаанд. Тавсияву пешниҳодҳои ӯ новобаста аз густариш ёфтани падидаи бархурди фарҳангҳо ва ҷаҳонишавӣ, ки натиҷааш ба арзишҳои фарҳанги бегона рӯй овардани мардум, барои таблиғи идеяи намояндагони кишварҳои абарқудрат шомил гаштани ҷавонон ба ҳар гуна ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мебошад, муассир боқӣ мемонанд, инъикос ёфтаанд.

Таҳқиқоти гузаронидаи диссертант вақту маҳорати зиёдро талаб кардааст, умедворем, ки дар ҳалли якчанд муамоҳои мубрам оид ба тағйироту дигаргуниҳое, ки вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ ва бегонашавии фарҳангҳо вусъати тоза касб мекунанд, пеш аз ҳама аз коста гаштани ахлоқ

ва риоя нашудани меъёрҳои ахлоқӣ вобастагӣ доранд. Тавсияву пешниҳодҳои Аҳмади Дониш доир ба ин масъала барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, масъулиятшиносӣ, содиқ будан ба Ватан, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ ва ғайра нақши муассир метавонанд гузоранд.

Муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.ф., и.в. профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **А.С. Султонзода**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121,
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Тел.: (+992) 938148639
Почтаи электронӣ: sultonzoda83@mail.ru

Имзои д.и.ф., и.в. профессор А.С. Султонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **А. Мустафозода**

05. 06 2025

**Суроға:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj